ЯНВАРИ 2025 | №2

# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БЕҲТАРИН НАВОР ДАР МАВЗУИ “МУҲТАРАМ ТАСМИМГИРАНДАГОНИ ҶАҲОН”

*БЮЛЛЕТЕН*




*Маҳинбону Давлатова, ғолиби ҷои аввали озмуни навори беҳтарин дар мавзуъи “Муҳтарам тасмимгирандагони ҷаҳон”*

Тағйирёбии иқлим таъсири назаррас ба муҳити зист, иқтисод ва ҷомеа дошта, ба ҳодисаҳои вобаста ба боду ҳаво, зарарҳои иқтисодӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад. Тадбирҳои мутобиқшавӣ барои ҳимояи ҳаёту рӯзгор, беҳтар кардани тобоварӣ ва бартараф намудани таҳдидҳо ба қишрҳои осебпазири ҷомеа мусоидат мекунанд.

Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) як чорчӯбаи муҳим барои арзёбии осебпазирӣ, таъйини ҳадафҳои равшану возеҳ, таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва мониторинги равандро пешниҳод мекунад. Бо ҷалб намудани ҷонибҳои манфиатдор ва афзалиятбандии секторҳои таъсирпазир, НММ дар таъмини самаранокӣ ва фарогирии тадбирҳо мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят ба ҳифзи сарчашмаҳо ва таъмини ояндаи устувор дар вазъияти тағйирёбии иқлим оварда мерасонад.




*Шоира Мадалиева, ғолиби озмун аз ноҳияи Деваштич*

## ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БЕҲТАРИН НАВОР ДАР МАВЗУИ “МУҲТАРАМ ТАСМИМГИРАНДАГОНИ ҶАҲОН”

***“Агар Шумо системаҳое эҷод кунед, ки замбурҳоро муҳофизат намуда, гулу гиёҳҳои барои онҳо заруриро нигоҳ доранд, мо метавонем на танҳо истеҳсоли асал, балки тамоми экосистемаро ҳифз намоем”***

***Аз паёми Маҳинбону Давлатова ба тасмимгирандагони ҷаҳон***

Бо дарназардошти масъалаҳои болозикр, зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” (БСООТИ)-и лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад, озмуни ҷумҳуриявии навори беҳтарин дар мавзуи “Муҳтарам тасмимгирандагони ҷаҳон”-ро баргузор намуд. Озмуни мазкур аз санаи 25 декабри 2024 то 8 январи 2025 идома ёфт. Мақсади асосии озмун ба таваҷҷӯҳи тасмимгирандагон ва роҳбарони ҷаҳон расонидани мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим дар шароити Тоҷикистон ва роҳҳои мутобиқшавӣ бо он буд.

# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БЕҲТАРИН НАВОР ДАР МАВЗУЪИ “МУҲТАРАМ ТАСМИМГИРАНДАГОНИ ҶАҲОН”



***Исматуллои Абдулло ғолиби озмун аз н. Хуросон***

Озмуни мазкур аз тариқи васоити ахбори умум эълон шуда, дар он зиёда аз 61 нафар аз қишрҳои гуногуни ҷомеа новобаста аз синну сол, ҷинс, ҳолати иҷтимоӣ, кору вазифа ва ҳамчунон аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо ирсоли наворҳои кӯтоҳ дар шакли рил иштирок намуданд. Шарти асосии озмун масъалагузории мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим аз яке аз шаш соҳаи афзалиятноки мутобиқшавӣ: кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика, саноат, ҷангал ва об буд. Дар муддати эълони озмун хоҳишмандон наворҳои кӯтоҳ омода намуда, ба ҳайати доварон фиристоданд. Озмун дар санаи 20 январи 2025 ҷамъбаст гардида се нафар аз иштирокдорон ғолибони озмун шуданд.

Ҷойи якумро Маҳинбону Давлатова, аз ноҳия Ваҳдат, ишғол намуда, ҷоизаи нақдии 3000 сомониро аз худ намуд. Навори Маҳина Давлатова ба масъалаи таъсири тағйирёбии иқлим ба кишоварзӣ алалхусус ба бахши замбурпарварӣ бахшида шудааст.

Ҷойи дуюмро Шоира Мадалиева, донишҷӯ аз ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд, ки дар ҳоли ҳозир сокини шаҳри Душанбе мебошад, ишғол намуда, соҳиби ҷоизаи нақдии 2000 сомонӣ гардид. Шоира дар навори худ ба тасмимгирандагони ҷаҳон аз таъсири тағйирёбии иқлим ба соҳаи энергетика мегӯяд.

Ӯ бар ин бовар аст, ки ҷиҳати бартараф намудани маҳдудияти барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар аз чораҳои алтернативӣ мешавад истифода кард. Пешниҳоди ӯ насби панелҳои офтобӣ аст, ки дар кишвар таҷриба шуда, натиҷаҳои назаррас додааст. ***“Ман ба тасмимгирандагони ҷаҳон паём дорам, ки ҳар чи бештар дар истифода аз панелҳои офтобӣ мусоидат кунанд, зеро ин ба иқлими Тоҷикистон мувофиқ аст”*** мегӯяд Шоира дар навори худ.

Ҷо ва ҷоизаи нақдии сеюм дар ҳаҷми 1000 сомониро Исматуллои Абдулло сокини Обдараи ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ба худ ихтисос дод. Исматулло дар навори худ, ба масъалаи таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ишора намуда мегӯяд, ки бо тағйирёбии иқлим мушкили дастрасӣ ба об барои деҳқонон зиёд шуда, боиси хасороти зиёд шудааст.

Паёми Исматулло ба тасмимгирандагони ҷаҳон ин аст, ки “***дар таъмини технологияи обёрии қатрагӣ ва системаи обкашӣ аз зери замин ё худ чоҳҳои амудӣ ва ё истифода аз тухмиҳои ба тағйирёби иқлим тобовар ба деҳқонон мусоидат кунанд”***.

Ба эътиқоди Исматулло таъсири тағйирёбии иқлим саъйу талошҳои ҳаматарафа ва якҷояро талаб мекунад. Ӯ мегӯяд ***хатарҳои тағйирёбии иқлимро дар якҷоягӣ паси сар хоҳем кард.***

Дар ин озмун, инчунин, хоҳишмандон аз дигар минтақаҳо мушкилоту проблемаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим дар минтақаи худро ба навор гирифта, ба таваҷҷӯҳи тасмимгирандагони ҷаҳон пешниҳод намуданд. Ҳамаи иштирокдорон бо ҷоизаҳои нақдӣ ҳавасманд гардонида шуданд.



***Намунаҳои наворҳои штирокдорон дар озмун***

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шарикони рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***
***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***